# ТАРСРО МАҒЛУБ КУН!

*Ба тарс нигоҳ накарда,*
*ба Худо итоат кунед*

ҶОЙС МАЙЕР

# ТАРСРО Мағлуб Кун!

*Ба тарс нигоҳ накарда,*
*ба Худо итоат кунед*

# ҶОЙС МАЙЕР

**Do It Afraid!**
Obeying God in the Face of Fear
ISBN 0-89274-933-4
Copyright O 1996 by Joyce Meyer
Live In The Word, Inc.
P. O. Box 655
Fenton, Missouri 63026

**Тарсро Мағлуб Кун!**
*Дар ин китоб шумо мефаҳмед, ки чӣ тавр душмани худро бо номи "тарс" мағлуб кунед.*

Ҳамаи ҳуқуқҳо ба ин китоб аз ҷониби қонуни байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ҳифз карда шудаанд. Муқова ва матни китобро бе иҷозати хаттии муаллиф интишор кардан мумкин нест.

# 1

# Тарсро мағлуб кун

## *Ба тарс нигоҳ накарда, ба Худо итоат кунед*

Шуморо ягон бор тарс боздошта буд? Оё шумо аз иҷрои он чи ки Худо ба шумо гуфт, саркашӣ кардед, ва бо ин ба Ӯ беитоатӣ зоҳир намудед? Ё ки шумо аз паи ягон кор шуда будед, ва пас тарс шуморо маҷбур сохт, ки ба қафо гардед? Чунин шуда буд? Маълум мешавад, ки шумо ба Худо боварӣ надоред ва нобоварии шумо ба Ӯ имконият намедиҳад, ки шуморо он чуноне ки Ӯ мехост, баракат диҳад. Лекин ин чиз на танҳо бо шумо рӯй медиҳад.

Ҳоло ман одами бошуҷоат мебошам, лекин як вақтҳо ман ҳам ба Худо бовари̣ карда наметавонистам, барои ҳамин бисёр баракатҳои Ӯро аз даст медодам. Ман дар зери юғи тарс зиндаги̣ мекардам, ва тӯли якчанд солҳо Худо маро таълим дод, ки чи̣ гуна аз зери ин бор озод шавам. Ман дар бораи он чи Худо ба ман ёд дод, нақл мекунам. Бихонед, чизҳои хондаатонро истифода баред, ва шумо низ аз занҷирҳои ғуломии тарс озод хоҳед шуд.

## *Ягона тарси ҷоиз*

Тарси боэҳтиром назди Худо- ин ягона тарси ҷоиз. Аз Худо тарсидан ин маънои онро надорад, ки мо аз Худо ба ҳарос афтодаем, ки Вай ба мо ягон кори бад мекунад ва аз ин мо дар тарс мебошем. Худо намехоҳад, ки шумо аз Ӯ ё хоҳишу ниятҳои Ӯ нисбати худ дар ҳарос бошед. Тарси Худо, ки дар бораи он Китоби Муқаддас мегӯяд, ин ҳурмату эҳтироми самими̣ нисбати Худо мебошад. Айни ҳамин тавр мо бояд ба ҳу-

куматдорон ва сардорон низ муносибат дошта бошем. Ҳамин тавр бояд фарзандон ба падару модар, занҳо ба шавҳарон, талабаҳо ба муаллимон муносибат дошта бошанд. Лекин, афсӯс, ки мо ба ҷои ҳурмат кардан, одатан норозигӣ ва шикояти худро баён мекунем.

**“Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст”** (Масалҳо 14:26).

Медонед барои чӣ? Барои он ки агар шумо Худоро ҳурмату эҳтиром кунед, шумо ба Вай итоат мекунед, ҳама он кореро, ки Вай мегӯяд мекунед, бештар ва бештар ба Худо бовар карда ба Ӯ умед мебандед.

Тарси боэҳтиром ва изтиробу ҳаяҷон назди Худо ба муносибати шумо бо одамон низ таъсири мусбии худро хоҳанд расонд. Дар луғати тафсирии Аҳди Нав В. Е. Вайн мефаҳмонад, ки тарси Худо “шуморо доимо водор менамояд, ки нисбати дигар шахсон ғамхору меҳрубон бошед”. Шумо ба касе бадӣ карда будед? Ба ман, масалан, бо одамон созиш кардан бисёр мушкил буд. Баъзан вақт табъам хира бошад, ала-

мамро аз фарзандонам ва шавҳарам Дейв мегирифтам. Лек ҳар қадаре ки тарси боэҳтиром ва изтиробу ҳаяҷонро назди Худо эҳсос мекардам ва ҳар қадаре ки Ӯро мешинохтам, ҳамон қадар нисбати одамон дилсӯзу меҳрубон мешудам. Ман медонам, ки пеши Худо барои рафтору кирдори худ ҷавоб хоҳам дод ва дигар одамон низ барои Ӯ мисли ман азиз ҳастанд.

## *Тарси нораво*

Худоро ҳурмату эҳтиром кунед, кӯшиш кунед, ки ба Ӯ писанд оед, на ин ки ба одамон. Дар Китоби Муқаддас дар бораи тарси Худо бисёр гуфта шудааст, лекин ягон калима дар бораи он гуфта нашудааст, ки мо аз одам бояд тарсем (ниг. Масалҳо 29:25), аз ҳама беш аз шайтон набояд тарсем. На аз шайтон, на аз одам натарсед. Аз он натарсед, ки одамон дар бораи шумо чӣ фикр мекунанд ё чӣ мегӯянд.

Вақте ки мо ба инсон, на ба Худо, писанд омадан мехоҳем, ҳаёти мо пурра бетартиб меша-

вад. Агар Худованд ба мо гӯяд, ки ин корро кунем, лекин мо дигар корро мекунем, онгоҳ мо он хушиҳоеро, ки Вай ба мо доданӣ буд, аз даст медиҳем. Мо ба осонӣ назди инсон зону хам мекунем, назар ба он ки назди Худо хам кунем, ва баъд аз азоби виҷдон азият мекашем, бесаранҷом мешавем. Бесаранҷомӣ бошад дар навбати худ моро инсони шаккок мекунад.

## *Чӣ тавр аз ҳукмронии тарс озод шавем*

Бисёр одамон зери ҳукми тарс зиндагӣ мекунанд. Калимаи юнонии phobos- “тарс”, маънояш *гурехтан дар натиҷаи тарси ногаҳонӣ*. Калимаи “тарс” аз рӯи маънояш бо калимаи “гурехтан” зич алоқаманд аст. Яке аз маънои калимаи “гурехтан”- ин *гурехтан аз хатар*. Бо дигар суханон, тарс ба гурехтан маҷбур мекунад. Албатта, асосан, одамон аз ягон чиз беасос наметарсанд.

Дар баъзе ҳолатҳо ман бисёр далер ҳастам, ва дар дигар ҳолатҳо бошад аз тарс пойҳоям меларзанд. Ҳатто шахсони бисёр диловар низ баъзан сахт метарсанд.

Элизабет Эллиот- зани миссионер, ки ӯро он касоне, ки ба онҳо вай дар Эквадор Инҷилро маъвиза мекард, ба қатл расонида буданд, ҳамроҳи Рейчел Сент ба қавмҳои таҳҷоии он маҳал маъвиза мекард, аз он ҷумла ба он касоне, ки шавҳари вайро ва бародари Рейчелро кушта буданд. Ин воқеаҳои рухдода Элизабетро чунон тарсонда буданд, ки вай дигар маъвиза карда наметавонист. Он гоҳ дугонаи вай суханони оддӣ, лекин боҳикматро гуфт, ки ба Элизабет кӯмак карданд: “Тарсро мағлуб кун ва амал намо!”

## *Натарсед*

Кӣ гуфт, ки тарсро мағлуб кардан номумкин аст? Шумо бовар мекунонам, ки инро Худо нагуфтааст. Мегӯянд, ки калимаи “натарс” дар Ки-

тоби Муқаддас 365 маротиба ёдоварӣ шудааст. Аз ин мебарояд, ки барои ҳар як рӯз дар як сол ин ибора гуфта шудааст.

Шумо мехоҳед, ки дигар натарсед? Хуб, онгоҳ шумо дар гурӯҳи шахсони нек мешавед, барои он ки ба ҳар шахсе, ки Худо ба хизмат даъват кардааст, Вай борҳо: "Натарс" гуфта такрор кардааст.

## *Худо бо Еҳушаъ ибни Нун буд*

Еҳушаъ ибни Нун, ки Худо вайро пайрави Мӯсо интихоб карда буд, бояд халқи Исроилро ба замини ваъдашуда роҳнамоӣ мекард. Ин супориши бисёр масъулиятнок, ва вай метавонист иҷро намудани онро рад кунад, вале ин корро накард. Вай халқи Исроилро ба замини ваъдашуда бурд ва Исроилро идора мекард.

Боре Худо ба Еҳушаъ гуфт:

> *"Ҳеҷ кас дар тамоми айёми умрат қодир нахоҳад буд, ки пеши ту истодагӣ намояд, чунон ки бо Мӯсо будам бо ту низ хоҳам буд; туро бемаҷол*

*нахоҳам гардонид ва тарк нахоҳам кард”* (Еҳушаъ ибни Нун 1:5).

Барои чи бошад баъзеҳо фикр мекунанд, ки Худо дар инҷо дар назар дошт ки: “Ту мисли Мӯсо хоҳӣ буд”. Пештар ман ҳам чунин фикр мекардам, лекин боре ман маънои аслии ин оятро фаҳмидам. Худо ба Еҳушаъ нагуфта буд, ки ба Мӯсо монанд шавад ё мисли Мӯсо амал кунад, балки вайро рӯҳбаланд карда мегуфт, ки бо вай мешавад, чунон ки бо Мӯсо буд: **“чунон ки бо Мӯсо будам бо ту низ хоҳам буд...”** Худованд на дар бораи он гуфт, ки Еҳушаъ ба Мӯсо тақлид кунад, балки дар бораи он ки Вай бо ӯ хоҳад буд ва ҳеҷ гоҳ ӯро тарк нахоҳад кард. Айни ҳамон чиз ба мо низ тааллуқ дорад. Ва агар Худованд ваъда диҳад, ки бо мо хоҳад буд, ба ягон шароиту ҳолатҳо нигоҳ накарда, анҷоми ҳама кор нек мешавад. Пас барои чӣ мо метарсем?

Агар Худо мехост, ки Еҳушаъ ба Мӯсо монанд шавад, ин маънои онро медошт, ки пас мо низ

бояд ки ба ягон кас монанд шавем. Лекин Худо инро намехоҳад. Баръакс, Ӯ мехоҳад, ки мо беҳамто бошем, ва кӯшиш намоем, ки даъвати худро иҷро кунем, он гоҳ Вай бо мо мешавад ва моро тарк нахоҳад кард.

Еҳушаъ ибни Нун сабаб барои тарсидан дошт, лекин Худо рӯҳбаланд кардан ва хотиррасон кардани вайро давом медод, ки Ӯ бо вай аст:

> *"Қавӣ (боэътимод) ва далер бош, зеро ки ту ба тасарруфи ин қавм заминеро хоҳӣ даровард, ки дар бораи он ба падаронашон қасам хӯрдам, ки ба онҳо бидиҳам. Фақат қавӣ ва далер бош, то ки бо риояти дурусти тамоми шариате, ки Мӯсо, бандаи Ман, ба ту амр фармудааст, амал намоӣ; аз он ба тарафи рост ё чап дур нашав, то ба ҳар ҷое ки меравӣ, муваффақият ба даст оварӣ...*
> *Ман охир, ба ту чунин амр фармудаам: қавӣ ва далер бош, натарс ва ҳаросон нашав, зеро ба ҳар ҷое ки биравӣ, Худованд Худои ту бо туст" (Еҳушаъ ибни Нун 1:6-7, 9).*

Еҳушаъ суханони Худоро ба халқ гуфта дод ва дар ҷавоб мардум розӣ шуданд, ки ӯро пай-

равӣ кунанд. Онҳо шубҳа намекарданд: агар Худо бо Еҳушаъ шавад, чунон ки бо Мӯсо буд, онгоҳ ҳама чиз хуб мешавад, ва барои ҳамин ба Еҳушаъ ҷавоб доданд:

> *“... Ҳар амре, ки ба мо бифармоӣ, ба ҷо хоҳем овард ва ҳар куҷо, ки моро бифиристӣ, равона хоҳем шуд: чунон ки дар ҳар бобат ба Мӯсо гӯш додаем,ончунон ба ту гӯш хоҳем дод, фақат Худованд Худои ту бигзор бо ту бошад, чунон ки бо Мӯсо буд” (Еҳушаъ ибни Нун 1:16, 17).*

Фикр кунед, агар Худи Худо ба ин одамон гуфт, ки натарсанд, оё онҳо ҳаққи тарсиданро доштанд? Албатта, онҳо ба мушкилиҳо дучор мешуданд. Онҳо мебоист ки ба замини ваъдашуда низ дохил мешуданд, дар он ҷо бошад азимҷуссагон зиндагӣ мекарданд; онҳо мебоист бо онҳо мубориза бурда ва тамоми ин заминро, як шаҳрро паси дигараш, забт мекарданд. Лекин Худо пешакӣ ваъда дода буд, ки онҳо ғолиб хоҳанд шуд, барои ҳамин онҳо ба муваффақият боварӣ доштанд.

# *Худо бо Ирмиё буд*

*“Пеш аз он ки туро дар батн ба вуҷуд оварам, Ман туро шинохтам ва пеш аз он ки ту аз шикам берун оӣ, туро тақдис намудам, туро барои халқҳо набӣ таъин кардам”. Ва ман гуфтам: “Ё Худоё Худовандо! ман охир наметавонам сухан ронам, зеро ки ҷавон ҳастам” (Ирмиё 1:5, 6).*

Ирмиё ба худ нигоҳ мекард, на ба Худо, лекин Худованд ба вай мегӯяд, ки натарсад ва ваъда медиҳад, ки бо вай хоҳад буд:

*“Вале Худованд ба ман гуфт: “Нагӯ ки ман ҷавон ҳастам”, балки сӯи ҳар касе ки туро бифиристам, хоҳӣ рафт, ва ҳар чиро ки ба ту амр фармоям, хоҳӣ гуфт. Аз онҳо натарс, зеро Ман бо ту ҳастам, то ки туро халосӣ диҳам”,- гуфт Худованд. Ва Худованд дасти Худро дароз карда, ба даҳанам расонд ва Худованд ба ман гуфт: Инак, суханони худро дар даҳони ту гузоштам. Бидон, ки туро имрӯз бар халқҳо ва бар мамлакатҳо баргумоштам, то ки решакан кунӣ ва вайрон намоӣ, талаф кунӣ ва хароб намоӣ, ободкунӣ ва ниҳол шинонӣ. Пас ту (Ирмиё) камари худро бибанд, ва бархоста ҳар он*

*чиро Ман ба ту амр фармоям, ба онҳо бигӯй; аз онҳо натарс, мабодо туро пеши онҳо ба изтироб оварам" (оятҳои 7-10, 17).*

Худованд Ирмиёро огоҳ мекунад, ки ғалаба бе мубориза ба даст оварда намешавад:

*"Ва онҳо бо ту ҷанг хоҳанд кард, вале (ба ҳар ҳол) бар ту ғолиб нахоҳанд омад, зеро ки Ман бо ту ҳастам,- гуфт Худованд,- то ки туро халосӣ диҳам" (ояти 19).*

Акнун Худо Ирмиёро бовар мекунонад, ки чунон ки бо Еҳушаъ буд, бо вай низ хоҳад буд.

## *Худо бо Мӯсо буд*

*"Ва фиръавн наздик омад, ва банӣ- Исроил чашмони худро боло карда диданд, ки инак, мисриён аз қафои онҳо меоянд, ва бағоят ҳаросон шуданд; ва банӣ- Исроил сӯи Худованд нола карданд. Ва ба Мӯсо гуфтанд: "Оё дар Миср қабрҳо набуд, ки моро овардӣ то дар биёбон бимирем? Ин чист ки ба мо кардӣ, ки моро аз Миср берун овардӣ? Ин, охир, ҳамон чизест, ки мо ба ту дар Миср сухан ронда, гуфта будем: "Моро бимон, то*

*ки барои мисриён меҳнат кунем". Зеро меҳнати мисриён барои мо беҳтар аст аз он ки дар биёбон бимирем". Ва Мӯсо ба қавм гуфт: "Ҳаросон нашавед! Биистед ва наҷоти Худовандро бубинед, ки онро имрӯз барои шумо ба амал хоҳад овард; зеро мисриёнро, ки имрӯз дидаед, дигар ҳаргиз нахоҳед дид. Худованд барои шумо ҷанг хоҳад кард, ва шумо хомӯш бошед" (Хуруҷ 14:10-14).*

Мӯсо халқро даъват мекард, ки натарсанд, гарчанде ки мисриён аллакай наздик буданд. Вай онҳоро ором карда мегуфт, ки Худо онҳоро аз Миср берун кард ва акнун аз дасти мисриён низ халосӣ медиҳад. Аз онҳо фақат талаб карда мешуд, ки ба Худо умед бастанро давом диҳанд ва Ӯ бошад барои онҳо хоҳад ҷангид.

## *Худо бо шумо низ аст*

*"Ва дар ҳеҷ хусус (ягон лаҳза ҳам) аз душманон наметарсед, ки ин барои онҳо (душманамон) аломати (исботи) ҳалокат аст, вале барои шумо аломати (исботи аниқ) наҷот аст,- ва ин аз ҷониби Худост" (Филиппиён 1:28).*

Ҳангоме ки мушкилиҳо пайдо мешаванд, онҳо бошанд гоҳ-гоҳ ба вуҷуд меоянд,- аз онҳо натарсед, барои он ки **“мусибатҳои одил бисёр аст, валекин аз ҳамаи онҳо Худованд ӯро халосӣ медиҳад”** (Забур 33:20).

Боварии том дошта бошед, вақте ки ягон мушкилӣ ба миён ояд, Худованд ҳамеша ба шумо кӯмак мекунад, ки онро ҳал намоед. Ин барои шумо исботи он мешавад, ки Худованд бо шумост.

## *Китоби Муқаддас намегӯяд: “Тарсро эҳсос накун”*

Исроилиён аз мисриён метарсиданд, лекин Худованд ба онҳо гуфт, ки натарсанд. Вақте ки ба ман касе мегӯяд, ки натарсам, ман фикр мекунам “Гуфтан осон. Худи ман ҳам намехоҳам, ки аз тарс ларзида гардам, лекин бо худ ҳеҷ кор карда наметавонам”. Лекин медонед чӣ: вақте ки дар Китоби Муқаддас “натарс” гуфта шудааст, ин маънои онро надорад, ки “тарсро эҳсос

накунед”. Аз ин ҳам бештар, кадом вақте ки шумо кӯшиш мекунед, ки дар ҳама чиз ба Худованд итоат кунед, кадом вақте ки шумо аз паи ягон кори нав мешавед, кадом вақте ки аз ғуломии тарс озод шудан мехоҳед, баръакс тарс ба шумо зиёдтар ҳамла мекунад.

Чунин менамояд, ки ҳамаи мушкилиҳо дар тарси мо аст. Лекин дар асл ин тавр нест. Ҳеҷ ҷои нораво дар он нест, ки мо тарс дошта метавонем. Шумо онгоҳ хатогӣ содир мекунед, ки вақте назди тарс зону хам мекунед, ба ҷои он ки бархилофи тарс рафтор кунед.

## *Нагурезед*

Тарс моро маҷбур мекунад, ки ларзем, сурх шавем, арақ кунем, пойҳоямон ларзанд. Худо намегӯяд: наларз, арақ накун, сурх нашав. Худо мегӯяд: натарс, калимаи *тарсидан* бошад маъкнои *гурехтанро* дорад, бинобар ин, Худо ба исроилиён сухан ронда мегуфт, ки вақте ки ба онҳо тарс ҳамла мекунад, вақте ки онҳо тамо-

ми бовариро аз даст медиҳанд, онгоҳ набояд таслим шаванд, балки ба тарс нигоҳ накарда *амал* кунанд!

Вақте ки ин ба ман ошкор гардид, ман базӯр ба ин бовар мекардам! Он барои ҳақиқат будан бисёр хуб буд. Ман фаҳмидам, ки ҳеҷ ҷои айбаш нест, ки баъзан аз тарс пойҳоям меларзиданд, баъзан вақт бошад ман қариб буд ки аз ҳуш равам- охир ман метарсидам. Ва ба ҳар ҳол ман тарсончак набудам, чунки тарс маро боздошта наметавонист. Мо тарсончак ба ҳисоб меравем, агар ҳама чизро партофта гурезем.

Худо ба Мӯсо, Еҳушаъ ибни Нун, Ирмиё гуфта буд: “Ман ба ту амр медиҳам, ки ин ва ё он корро ба амал оварӣ, лекин огоҳ мекунам, ки шайтон туро тарсониданӣ мешавад ва боздоштан мехоҳад. Душманон бар зидди ту қиём хоҳанд кард. Шароиту ҳолатҳо ба ту ваҳмро меоранд. Лекин ту натарс”. Хотиррасон мекунам, ки *натарс* ин маънои *тарсро эҳсос накунро* надорад. *Натарс*- яъне *нагурез*!

## *Ба тарс иҷозат надиҳед, ки тақдири шуморо ҳал кунад*

Мумкин, шумо аллакай ба эҳсososоти тарс иҷозат додед, ки тақдири шуморо ҳал кунад? Шумо фикр мекунед, ки одамоне ҳастанд, ки аз ҳама чиз метарсанд, онҳое ҳастанд, ки умуман тарс надоранд? Хато мекунед. Тарс ҳар касро фаро гирифта метавонад. Ҳамаи фарқ дар он аст, ки одам ба ин тарс чӣ гуна аксуламал мекунад. Агар шумо назди тарс ақибнишинӣ накунед, он гоҳ оҳиста-оҳиста аз ин ҳиссиёти ҷабркунандаи тарс озод хоҳед шуд. Ба ҳолатҳои якхела боз ва боз фаромада, шумо худро бовариноктар ҳис мекунед, дар вақти боз ба ҳолати ба ин монанд фаромадан. Ва онгоҳ он ҳолатҳое, ки пештар шуморо ба ваҳм меоварданд, акнун дигар шуморо наметарсонанд.

Ҳар дафъае, ки шумо ягон чизи навро оғоз кардан мехоҳед, тарс метавонад шуморо боздорад, барои он ки шайтон намехоҳад, ки шумо ягон чизи арзандаро ба даст оваред. Агар ба ҳар

ҳол шумо тарсро мағлуб карда, қадами имонро гузоштед, шайтон шуморо як вақти муайян ором мегузорад, лекин ҳамту ки шумо қадами навбатиро гузоштанӣ мешавед, вай боз кӯшиши тарсонидани шуморо мекунад.

## *Боз як қадам ба пеш*

Хизматгузории ман самараҳои калонро меоварад, лекин ин на дастоварди ман, балки аз Худост, барои он ки бе Ӯ ман ҳеҷ кор карда наметавонистам. Вазифаи мо- ба Худо итоат кардан. Ман ҳамеша ҳама он кореро, ки Худо ба ман мегуфт, мекардам, ҳатто агар маро ваҳм гирад ҳам, ва ин танҳо имони маро устувор мегардонид ва ба ман далерӣ мебахшид. Ман, ҳатто агар аз тарс ларзам ҳам, ҳатто агар баданамро араќи хунук зер кунад ҳам, амал мекардам. Ҳар он чизеро, ки Худо ба ман мегуфт, ки бикунам, онро анҷом медодам. Баъзан вақт ман аз тарс шах шуда мемондам, лекин ба ҳар ҳол ақибнишинӣ намекардам.

Ҳоло ман аз пештара диловартар ҳастам ва маро тарсондан осон нест. Лекин ба шумо боз як воқеаро нақл мекунам. Якчанд сол пеш бори аввал ба ман имконияти иштирок кардан дар хизматгузорӣ дар шаҳри Ҷэксонвилл, иёлоти Флорида, ҳамроҳи воизони машҳури дунё пайдо шуд. Дар ин конфаронс мебоист ҳазору шашсад нафар иштирок мекарданд ва дар байни онҳо кам одамон он вақт дар бораи хизматгузории ман шунида буданд. Росташро гӯям, маро ба ин конфаронс танҳо ба хотири писарам даъват карда буданд. Вай дар мактаби Китоби Муқаддас дар шаҳри Ҷексонвилл таҳсил мекард ва дар хонаи як зан зиндагӣ мекард, ки вай бо корҳои ташкилии конфоронс машғул буд. Фаҳмид, ки ба онҳо боз як воиз зарур аст, вай ба онҳо кассетаҳои маро дод, ки дар он ман дар бораи тарс маъвиза карда будам. Онҳо худашон он кассетаҳоро гӯш карданд, барои гӯш кардан ба дигарон доданд, ва баъд маро даъват карданд. Айни ҳамон вақт маро даъват карданд, ки бо як воизи машҳури дигар дар шаҳри

Колорадо маъвиза кунам. “Ана вақти ман ҳам расид!”- фикр кардам ман он вақт.

Хизматгузориҳо яке паси дигаре шуда мегузаштанд, барои ҳамин мо фавран аз Колорадо ба Флорида бояд ки мерафтем. Дар он вақт барномаҳои мо дар ҳашт радиостансия пахш мешуданд, ба ғайр аз ин, маро ба ҷамъомадҳои хурде низ даъват мекарданд, ки ман дар он ҷойҳо низ маъвиза мекардам, лекин то ин дам ба ман ягон бор муяссар нашуда буд, ки дар конфаронсҳои калон маъвиза кунам.

Вақте, ки ман ба Колорадо омадам, маълум шуд, ки воизи машҳур омада натавонистааст ва аз ман хоҳиш карданд, ки дар ҳамаи хизматгузориҳо маъвиза кунам. Дар ёд дорам, ман назди тиреза истода ба истгоҳи мошинҳо, ки дар назди калисо буд, омадани одамонро интизор шуда, нигоҳ мекардам. Дар он рӯз кам одамон ба ҷамъомад омаданд, ва ба толори қариб холӣ маъвиза кардан дар ҳақиқат мушкил буд. Баъд аз чунин воқеа ман аз сафар кардан ба Ҷэксонвилл метарсидам. Ҳар гуна фикрҳо дар сари ман

чарх мезаданд: "Ман ноком мемонам, бар замми ин, маро ҳеҷ кас намешиносад. Дар семинарҳои дигар воизон мардуми бисёр хоҳанд омад, лекин ба семинарҳои ман ҳеҷ кас намеояд. Ва ман худро ногувор эҳсос хоҳам кард". Чи қадаре ки ман кӯшиш мекардам ин фикрҳоро аз худ дур кунам, ҳамон қадар онҳо дилбазан мешуданд.

Лекин ба конфаронс ман ба ҳар ҳол омадам. Дар рӯзи аввал ҳар як воиз мебоист шарҳи кӯтоҳи маъвизаи худро мекард. Умуман барои ман дар назди гурӯҳи одамон баромад кардан мушкил набуд, лекин ин дафъа ҳама чиз ба таври дигар буд. Толори калон пур аз одам буд. Ҳамаи воизон дар қатори аввал менишастанд, ва ҳар яке аз онҳо дар ҳақиқат бисёр машҳур буд.

То оғози конфаронс одамон дар мизи кассетаҳо омада, кассетаҳои маро медиданд. Аҷиб, лекин фақат мо мизи кассетаҳоро доштем. Аз паси миз Дейв нишаста буд, ва одамон бошад мепурсиданд:

-Ҷойс Майер кист? Касе дар бораи вай шунидааст? Ӯ кист?

-Ин завҷаи ман!- бо оромии хос ба онҳо ҷавоб дод Дейв.

Ба ҳозирин нигоҳ карда, ман метарсидам, ки нокомии ман дар инҷо назар ба Колорадо ҳам бештар мешавад. Умеди ман аз даст рафта буд, ва ман аз омадани худ пушаймон мешудам. Ман тарсидам. Ва ба ҳар ҳол, ман ба саҳна баромадам: охир ман бояд шарҳи кӯтоҳи маъвизаи худро мекардам. Даҳонамро кушода, то ки ягон чиз гӯям, ман як калима ҳам гуфта натавонистам. Ман он қадар тарсида будам, ки овози худро гум кардам! Барои овозро гум кардан, сахт тарсидан лозим аст, шумо чунин намешуморед? Росташро гӯям, ман сахт тарсида будам.

Лекин аз ҳама аҷибаш он буд, ки мавзӯи баромади ман маҳз тарс буд! Ман нафасамро рост карда гуфтам, ки кадом мавзӯъро дар баромади худ маънидод карданӣ ҳастам.

Вақте ман дар меҳмонхона ба утоқи худ даромадам, ман ҳоло ҳам метарсидам. Субҳи дигар, аз ҷойгаҳ бархеста, ман боисрор ба дуо гуфтан шурӯъ кардам. Баъд аз утоқ ба берун ба-

ромада гиристам. “Оҳ, Худовандо, ман сахт метарсам. Мабодо ба семинари ман ҳамагӣ якчанд нафар ояд чӣ мешавад? Он гоҳ ман бо ин кассетаҳои худ пас бояд ба хона баргардам. Оҳ, Худовандо, ман расо метарасам”- нола кардам ман.

Агар шумо фақат медонистед, ки пеш аз ҳар хизматгузорӣ ман чанд қадар утоққҳои меҳмонхонаро аз ин сӯ ба он сӯ қадам задам, ғами онро хӯрда ки, оё касе ба шунидани семинарҳои ман меомада бошад? Оё маъвизаи ман ба ягон кас аҳамияте дошта метавонад?

Ниҳоят вақти ман расид, ва ман бояд ки мерафтам. Ман ба толори дарози конфаронс даромадам, ва то ҳол шубҳа карда ки, касе меомада бошад ё не. Вақте ки ман ба толор дохил шудам, аллакай суруди мадҳкунӣ мерафт, ва дарҳол баъд аз мадҳкунӣ семинар оғоз ёфт.

Толор чунон пур буд, ки мо бо душворӣ аз як ҷой ба ҷои дигар ҳаракат мекардем. Фикр мекунам, Худо инро шахсан барои ман карда буд, то ки ба ман нишон диҳад: Ӯ имони маро қадр кардааст, чунки ман пеши тарс ақибнишинӣ накардам.

Акнун маъвизаи худро ба охир расонида будам ки, чӣ сон мардум, дарҳоро калон кушода, зуд ба берун рафта кассетаҳои маро харидорӣ карданд. Одамон ин қадар зиёд кассетаҳо хариданд, ки дар дасташон ҷой намешуд. Дейв бошад он қадар тез ба харидорон хизмат мекард ки, худаш дар ҳайрат буд. Вай ҳатто ба пулҷамъкунӣ вақташ намерасид. “ Ба ман ҳам аз ин кассетаҳо диҳед, он чи ки имрӯз шунидем, пештар ҳеҷ вақт нашунида будем!”,- аз ҳар тараф садоҳо мебаромаданд.

Ҳоло акнун мо бисёр хизматгузориҳо дар Ҷэксонвилл мегузаронем. Ман аллакай таҷрибаи зиёд, боварии зиёд дорам, ва ин гуна хизматгузориҳо маро дигар наметарсонанд. Дар аввал дар асл мушкил буд. Ман худро дар даст нигоҳ дошта будам, лекин дар дохили худ дар ҳайрат будам: “Худовандо, ман дар инҷо чӣ кор мекунам?” Ман аз он ҷой гурехтан мехостам, лекин нагурехтам. Ба тарс нигоҳ накарда, ман дар он ҷой мондам!

## *Дар тарси доимӣ зиндагӣ кардан?*

Аз ҳама бештар ман метарсидам, ки мабодо ягон касро ба хашм орам. Дар айёми бачагиам, падарам доимо аз ҳама кас ва ҳама чиз ба хашм меомад, ва мо ягон бор аниқ намедонистем, ки сабаби хашми вай дар чист. Бисёр вақт вай бесабаб ҳам ба хашм меомад ва аламашро аз мо мегирифт. Ман дар бораи ин бисёр фикр карда кӯшиш мекардам, ки падарамро ба хашм наоварам. Ман ҳаматарафа кӯшиш мекардам, ки бо ӯ хушмуомила бошам, чунки намехостам, ки вай ба хашм ояд.

Якчанд сол пеш мо бо падару модарам дар мавриди баҳсу ҷидолҳои гузашта як сӯҳбат доштем. Дар тӯли ин солҳо Худованд бо дили мо кор мекард, барои ҳамин баъд аз сӯҳбат муносибати ман бо волидайнам барқарор гардид. Зиёдтар аз ин: онҳо ба ман иҷозат доданд, ки дар маъвизаҳои худ аз лаҳзаҳои замони бачагиам нақл кунам. Ҳоло ман бо падару модарам муносибати бисёр хуб дорам. Лекин баъзан

вақт ман то ҳол аз ранҷонидани каси дигар метарсам, гарчанде солҳои охир мағлуб кардани ин тарсро ёд гирифтам, барои он ки ба дигарон набояд иҷозат дод, ки туро идора кунанд.

Чунон мешуд, ки мо бо Дейв ба ягон ҷо мерафтем ва дар роҳ маълум мешуд, ки мо ба самти нодуруст равона ҳастем. Он гоҳ вай ба гузари ягон кас даромада мошинро давр медод, то ки онро гардонда ба самти дуруст равад. Ман дарҳол воҳима карда мегуфтам: -

Ту чӣ кор мекунӣ? Барои чӣ? Ин корро дигар накун!

Боре вай дигар тоқат карда натавониста гуфт:

-Худаш чӣ гап аст? Ман фақат мошинро давр доданӣ ҳастам.

Он гоҳ ман ҳам аз Худо пурсидам, ки мушкилӣ, аслан, дар чист. Ва он гоҳ Худованд ба ман нишон дод: ман аз он метарсидам, ки аз ин ҳавлӣ соҳиби хона баромада дод мезанад, ки чаро касе дар гузари вай мошини худро давр мезанад.

Ман ба моҳияти масъала чуқуртар сарфаҳм рафтанро сар кардам: “Худовандо, дар асл мо аз чӣ метарсем?”. Ман чунин меҳисобидам, ки мо аз одамон метарсем. Мо метарсем, ки моро инкор мекунанд. Лекин ин на он қадар чунин аст. Дар асл мо на аз одамон метарсем, на аз он ки онҳо дар бораи мо чӣ мегӯянд ё фикр мекунанд, балки аз он метарсем, ки онҳо метавонанд дили моро ранҷонанд! Мо ҳамту азоб кашидан намехоҳем.

Ман пай бурдам, ки ин ҳатто ба чизҳои оддии рӯзмарра дахл дорад. Масалан, зимистон, ман берун баромада истода, худро бо пӯстин печонидам, то ки хунук нахӯрам. Лекин боре Худованд аз ман пурсид: “ Хайр чӣ хел, ин туро аз хунукӣ муҳофизат мекунад?” Як сония фикр карда, ман фаҳмидам, ки не. Ман ба ҳар ҳол хунук мехӯрдам, ва аз ин ҳатто асабонӣ мешудам. Пас аз чӣ ман дар асл худро муҳофизат мекардам? Ман кӯшиш мекардам худро аз ҳиссиёти ноқулай муҳофизат кунам. Медонед, ман чиро фаҳмидам? Мо худро аз дардҳои ҷонӣ нисбат ба

дардҳои ҷисмонӣ бештар муҳофизат мекунем. Агар касе моро масхара кунад, ин аламнок аст. Агар касе аз мо ба хашм ояд, ин ба мо аламнок аст. Агар касе моро нодон шуморад, ин ба мо аламнок аст. Мо дар ин ҳолат чӣ кор мекунем? Мо кӯшиш мекунем, ки худро аз ин дардҳо муҳофизат кунем.

## *Ба тарс тан надиҳед*

Боре мо дар шаҳри Майна якчанд рӯз маъвиза кардем ва баъд хостем барои худ рӯзи истироҳат ташкил кунем. Меҳмонхонае, ки мо дар он қарор гирифтем, бисёр зебо буд. Сэнди ва Дэнни, фарзандони хушҳолу чолоки мо, дар утоқи дигар буданд. То он даме ки мо тайёр шуда рафтанӣ будем, Сэнди пешпо хӯрд ва ба болои ҷевон афтод. Ҷевон афтид ва шикаст. Сэнди онро ба кормандони меҳмонхона бурд ва ба кори шудагӣ иқрор шуд. Онҳо ба ин ҳолат дуруст рафтор карданд: “Ҳеҷ гап не. Ғам нахӯр. Ин ҷевонҳо зудшикан ҳастанд”.

Пас аз даҳ дақиқа Дэнни ба утоқи мо даромад, ба ҷевони дигар пешпо хӯрд ва он ҳам низ шикаст. Ман мехостам равам, ҳеҷ чиз нагуфта, лекин мо одамони ростқавл ҳастем, барои ҳамин, албатта, қарор кардем, ки ҳама чизро ба маъмур мегӯем.

Пештар барои ҳалли ин гуна мушкилиҳо ман Дэйвро мефиристодам, чунки ин гуна воқеаҳо вайро тамоман ба ташвиш намеоранд. Вай онҳоро ба осонӣ ҳал мекунад. Ман бошам ҳеҷ гоҳ назди маъмур намерафтам: ман сахт метарсидам. Лекин Худо мехост, ки ман тарси худро мағлуб кунам ва худам рафта бо ӯ гап занам.

-Ҳозир ман назди маъмур меравам, ва сӯҳбати нохуши мо ба вуқӯъ меояд. Суханони вай ба ман аламнок мешаванд. Ҳеҷ гап не, ман одат кардаам. Як илоҷ карда аз сар мегузаронам,- худро ман ором мекардам. –Дар охири охир, хайр чӣ шуданаш мумкин? Хайр, вай ба хашм меояд, феълаш меояд: “Чӣ? Шумо боз як ҷевони дигарро шикастед?” Мумкин ки, вай ханда мекунад,

фикр карда ки, мо шӯхӣ мекунем. Фарқаш чи ки, вай чӣ гуна рафтор мекунад?

Лекин баъзан вақт тарсидан аз кардани ягон кор нисбат ба рафта ягон корро кардан вазнинтар аст. Тарс аз худи амал дида зиёдтар азоб медиҳад. Вақте ки, ниҳоят, шумо рафта он кореро анҷом медиҳед, аз он метарсед, маълум мегардад, ки дар асл ин на он қадар ҳам воҳиманок будааст. Ман он вақт фаҳмидам, ки ба ман лозим меояд тарсро мағлуб кунам.

Ҷевони шикастаро гирифта, ман назди маъмур равона шудам:

-Духтари ман ҷевонро шикаст,- гуфтам ман.

-Ҳа, ман аллакай аз ин ҳодиса хабар дорам- гуфт вай.

-Худи ҳозир бошад писарам дигар ҷевонро шикаст. Ӯ ба болои он афтид- давом додам ман.

Маъмур чашм наканда ба ман нигоҳ кард:

-Ман мефаҳмам, ки шумо як ҷевонро шикастед, лекин дутоpо?.. намефаҳмам, намефаҳмам...

Дэнни назди ман истода буд. Маъмур ба вай рӯй гардонид:

-Ту, шояд, мехостӣ ба он баромада бишинӣ-а?

-Не, вай дар он ҷо нишастанӣ набуд,- дарҳол ман ба ҷои ӯ ҷавоб додам,- вай ба болои он афтид. Ман метавонам нархи ҳардуи ин ҷевонро пардохт кунам. Шумо фақат ба ман гӯед, ки онҳо чанд пул меистанд.

Пас аз чанд дақиқа ҳама чиз ҳал шуд.

## *Аз дарҳои азобҳои ҷонӣ гузаштан*

Агар шумо доимо аз ягон чиз тарсед, шумо ҳеҷ вақт худро ҳурмату эҳтиром карда наметавонед. Далерона ба тарс муқобилат намоед. Шояд, шумо худатон бехабар мондед, ки чӣ гуна ба ғуломии тарс афтодед. Шумо фақат онро медонед, ки шумо тарс доред. Мумкин ки, тарс дар гузаштаи шумо пинҳон бошад? Лекин Худо ҳатман шуморо аз ин занҷири ғуломӣ озод хоҳад кард, танҳо ба Ӯ бовар кунед.

Барои возеҳ нишон додани он ки мо чӣ гуна аз ғуломии тарс баромада метавонем, Худованд ба ман мисоли дарҳои кушодаро овард. Биёед

инро дар мисоли ман мебинем. Чи хеле ки ман аллакай гуфтам, ман ҳамеша аз ранҷонидани ягон кас метарсидам. Ин тарс дар ман аз бачагиам мондааст, аз сабаби муносибати дағалона бо ман.

Худо ба ман нишон дод, ки мо чӣ гуна аз дарҳои азобҳои ҷонӣ дохил шуда, ба ғуломии тарс дучор мешавем. Фарз мекунем, ки касе бе ягон сабаб аз ман ба хашм омад. Ба ман аламнок аст. Дар рӯзи дигар касе маро тела мекунад, ва ман боз дарди инкоркуниро эҳсос мекунам. Ин ҳиссиётҳои ҷонӣ рӯз аз рӯз такрор мешаванд. Ва ниҳоят, ман қарор мекунам: ин тавр дигар давом карданаш мумкин нест,- ва дар гирди худ деворҳои баландро мебардорам, ки дар дохили он ман метавонам дароям ва дарҳоро бубандам.

Акнун чӣ рӯй медиҳад? Ба ман дарди ҷонӣ расониданд ва ман дар бораи даре, ки дар қафои он пинҳон шудан мумкин аст, ба хотир меоварам. Ва ман чунин рафтор мекунам. Акнун ман камтар сабукиро ҳис мекунам. Ва баъд боз

ягон чиз рӯй медиҳад, ман дигар деворро бино карда, аз пушти он пинҳон шуда мегӯям: “Ана акнун маро ҳеҷ кас хафа карда наметавонад. Ман дигар намехоҳам ин дардро тоқат кунам”. Лекин дар асл ман пушти деворҳои дуқабатаи ғуломии тарс мешавам. Ва ҳар дафъа шайтон ба ман хотиррасон мекунад, ки чиро аз сар гузаронида будам ва метарсонад, ки ин боз такрор мешавад. Ман дигар ин дардро тоқат карда наметавонам, барои ҳамин, ҳамту ки ҳолати ногувор ба вуқӯъ меояд, ман дарҳол дар қафои дари навбатӣ пинҳон мешавам, ва дар натиҷа боз ҳам бештар ба ғуломии тарс дучор мешавам.

Шумо дар бораи ин фикр накардаед, лекин маҳз ҳамин тавр ин рӯй медиҳад. Пеш аз он ки ба ғуломии тарс дучор шавед, шумо аз дарҳои азобҳои ҷонӣ гузаштед. Ва барои аз ин ғуломӣ озод шудан, ба шумо лозим аст, ки шумо айнан аз ҳамон дарҳо баромада равед. Роҳи озодшавии шумо аз ин гуна ҳолатҳо, ки ба шумо дард расониданд, ин аз онҳо боз дубора гузаштан мебошад. Лекин ин дафъа шумо бояд дигар хел

рафтор кунед: тарсро мағлуб кардан ва аз мушкилиҳои ба миёномада гузаштан. Онгоҳ шумо аз тарс озод хоҳед шуд.

## *Аз нохушиҳо натарсед*

Як ҳодисаро ба шумо нақл мекунам. Боре ман бо духтарам ба таоми нисфирӯзӣ рафтем, баъд аз нисфирӯзӣ бошад ман вохӯрӣ доштам. Ман аллакай ба вохӯрӣ равона будам ки, якбора дар роҳ ташна монда нӯшидан хостам. Баъзан ман нӯшокии содадоштаро менӯшам, лекин бештар оби оддиро дӯст медорам. Чунин ҳам мешавад ки, мо ба "Макдоналдс" танҳо барои нӯшидани об меравем. Мо дар "Макдоналдс" барои ғизо ва қаҳва бисёр пул сарф мекунем, барои ҳамин дигар дафъа аз хостани танҳо об шарм намедорем. Бисёр вақт мо барои об Дэйвро мефиристонем ва вай зид намебарояд.

Намедонам, ки шумо чӣ тавр рафтор мекунед, ба ман бошад маъқул аст ба тарабхона даромада гуфтан: "Лутфан, чор стакан об биёред!",

– махсусан, агар ман дар он ҷо ғизо хӯрданӣ набошам. Пай бурда истодаам, ки дар бораи ман чӣ фикр мекунанд, гӯё ки ман каме ақламро хӯрдаам: танҳо обро хоста ва тамоман ягон ғизоро фармоиш надодан. Лек ман қарор кардам ки, ба тарс нигоҳ накарда, амал мекунам, ва аз ин ғуломӣ озод мешавам. Охир, ман зани калонсол, ва агар ман хоҳам, ки танҳо барои об нӯшидан ба “Макдоналдс” равам, ман бояд барои кардани ин кор далерӣ дошта бошам. Ва агар ба касе ин маъқул нашавад, бигзор дар бораи ман ҳар он чизе ки хоҳад, фикр кунад. Маро ин дигар ба ташвиш намеорад.

Инак, ҷуръат пайдо карда, ман ба “Макдоналдс” даромадам.

-Кӣ ҳам медонад, ки ман фақат барои об нӯшидан омадам? Мумкин, ман дар ин ҷо ғизо мехӯрам ва ман хостам каме об нӯшам.- ман худро рӯҳбаланд мекардам.

Лекин ҳамон лаҳзае, ки ман даромадам духтаре, ки дар он ҷо кор мекард, ҳамон замон ба тарафи ман нигоҳ кард.

-Ҳар чи бодо бод,- фикр кардам ман. Акнун вай мефаҳмад, ки ман фақат барои об нӯшидан даромадам.

Лекин дар ҳамин ҷо далерӣ маро тарк кард, ва ман тарафи ҳоҷатхона рафтам ва қарор кардам, ки якчанд муддат дар он ҷо интизор мешавам, ва пас баромада ба ҳар ҳол фақат обро хоҳиш мекунам. Ман умедвор шудам, ки дар пешдӯкон аллакай каси дигар мешавад. Вале дар нисфи роҳ ман фикр кардам:

-Худи ҳозир ба қафо баргард ва обро хоҳиш кун!- ба худ гуфтам ман. Ман баргаштам ва ба назди пешдӯкон омадам:

-Лутфан, ба ман ду стакан об диҳед ва ях ҳам ба он партоед.

Вақте ки духтар ба ман обро дод, ман гашта аз он ҷо берун баромадам. Ман чунон бо худ фахр мекардам!

Ман ғалаба кардам! Ман дар “Макдоналдс” фақат об хоҳиш кардам! Ман тарсончакӣ накардам!

Дар асл ман на аз хоҳиш кардани об метарсидам, балки аз ба хашм овардани кормандони “Макдоналдс”. Ман ғам мехӯрдам: чӣ мешавад агар аз ман хафа шаванд? Он гоҳ чӣ кор кардан даркор? Лекин ман қарор кардам, ки ин тарсро мағлуб мекунам. Ҳа, ман метарсидам, лек Китоби Муқаддас намегӯяд-ку: наларз, аз тарс ба ларза наой. Он мегӯяд: натарс, ин яъне нагурез.

## *Чӣ гуна аз ғуломии тарс озод шавем*

Ҳар дафъае ки ман боз ва боз он корҳоеро мекардам, ки пештар метарсидам ки, кунам, ман ҳамон қадар бештар аз тарс назди ин озод мешудам. Агар шумо роҳи осони аз тарс озод шуданро кофта истодаед, онгоҳ онро намеёбед. Дигар роҳе нест, ба ҷуз оне ки боз аз он чизе, ки метарсед, гузаред. Шумо инро чӣ тавр карда метавонед? Танҳо тарсро мағлуб карда истода. Агар шумо мунтазири он бошед, ки ҳамагуна тарс шуморо пурра тарк мекунад, онгоҳ шумо

то баргаштани Масеҳ интизор хоҳед монд. Тарс ҳама вақт пайдо мешавад, лекин ҳамту қарор кунед, ки вақте ки боз ягон нохушиҳо ба вуқӯъ меоянд, шумо, ба тарс нигоҳ накарда, онҳоро мегузаред.

> *“Пас умеди худро тарк накунед, ки мукофоти бузурге ба он тааллуқ дорад. Одил бо имон хоҳад зист (одил ба муносибатҳояш бо Худо боварӣ дорад; ба вай саъю кӯшиш мерасад ва ӯ бо имон зиндагӣ хоҳад кард); ва агар касе рӯй гардонад, ҷони Ман ба вай таваҷҷӯҳ нахоҳад кард”* (Ибриён 10:35, 38).

“Агар касе рӯй гардонад”, яъне агар дар тарс ақибнишинӣ кунад- фикр мекунам, дар ин ҷо дар назар дошта шудааст: “Агар вай аз мушкилиҳо тарсад ва аз онҳо гурезад”.

Худованд медонад, ки мо ба ҳар ҳол аз ягон чиз метарсем. Мо метавонем аз тарс ларзем, лекин Худованд аз мо хоҳиш мекунад, ки нагурезем, балки ба Ӯ такя кунем ва шубҳа накунем, ки Вай бо мост.

## *Дар тарс ақибнишинӣ накунед*

Шояд, тарс дасту пои шуморо баста бошад. Тарс ба шумо намегузорад, ки ба Худо итоаткор бошед. Шумо аз он метарсед, ки одамон дар бораи шумо чӣ мегӯянд ва ё чӣ фикр мекунанд. Ва дар натиҷа, ҳаёти шумо печутоб хӯрдааст. Шумо хушбахт нестед. Мумкин аст, шумо он қадар бо тарс баста шудаед, ки он шуморо ҳатто дар вақти хизматгузориҳо дар калисо намегузорад. Шояд, шумо баъзе ҳолатҳои зиндагии худро ҳал кардан мехоҳед, лекин метарсед. Шумо ба мушкилиҳо чашми худро мепӯшед ва онҳо танҳо душвортар мешаванд. Дар қаъри дили худ шумо мефаҳмед, ки чунин рафтор карда, шумо ҳаёти худро барбод медиҳед.

## *Амал намоед!*

*“...душмани шумо иблис, мисли шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба доми худ кашад (нобуд созад)”*
1 Петрус 5:8

Диққат диҳед: *то* ба доми худ кашад, на ин ки аллакай *кашида бошад*. Шумо метавонед ҳамин хел кунед, ки то шайтон натавонад шуморо ба доми худ кашад. Ман умедворам, шумо медонед, ки шайтон аз болои шумо ҳеҷ гуна қудрате надорад. Вай аз болои шумо он вақт қудрат пайдо мекунад, агар шумо худатон ба ӯ иҷозат диҳед, ки аз болои шумо ҳукмронӣ кунад. Ва, албатта, тарс ин яке аз тактикаҳои дӯстдоштаи вай мебошад. Вай кӯшиш мекунад, ки шуморо тарсонда, ваҳму воҳимаро орад, лекин шумо натарсед, ба пеш ҳаракат карда амал кунед.

Агар, масалан, Худо ба шумо гӯяд, ки ба касе дар бораи Исои Масеҳ нақл кун ва ё китобҳои Хушхабарро тӯҳфа кун, бигӯед: “Хуб шудааст, Худованд, ман ин корро мекунам. Росташро гӯям, ман камтар метарсам, аммо ман бовар мекунам, ки Ту бо манӣ. Ва ту бошӣ, шайтон, метавонӣ дар бораи нақшаҳои худ оиди ман фаромӯш кунӣ, барои он ки Худо доимо бо ман аст. Ту маро тарсонида наметавонӣ. Ман ба Худованд итоаткор мешавам”.

Масалан, Худо ба шумо мегӯяд, ки ба калисо аз ҳар вақта зиёдтар пул ҳадя кун, барои он ки Ӯ мехоҳад, ки шумо дар пул камбудӣ надошта бошед, онгоҳ гӯед: “Хуб шудааст, Худованд, ман ин миқдор пулро ҳадя мекунам. Ман бовар дорам, ки ту дар бораи беҳбудии молиявии ман ғамхори мекунӣ. Ва ту, шайтон, ҳатто кӯшиши тарсондани маро накун. Ман ба Худо итоат мекунам. Ва муҳим нест, ки ҳоло ман метарсам ё не”.

Ба шайтон иҷозат надиҳед, ки тақдири шуморо ҳал кунад. Дар пеши тарс ақибнишинӣ накунед. Шумо метавонед аз тарс ларзед, арақи хунук зер кунед, лекин нагурезед! Шумо қарор мекунед ки: ғолиб бошед ё мағлуб шавед. Ҳамааш аз он вобаста аст, ки чӣ гуна шумо рафтор мекунед: аз мушкилиҳо тарсида пинҳон мешавед ё, ба тарс нигоҳ накарда, онҳоро пешвоз мегиред. Лекин маслиҳати ман ба шумо: ҳамин рӯз қарор кунед, ки тарсро мағлуб мекунед!

# *Дар бораи муаллиф*

Ҷойс Майер- устоди баргузидаи Китоби Муқаддас. Вай каломи Худоро ба миллионҳо одамон дар сар то сари дунё маъвиза мекунад.

Ҷойс ба зиёда аз садҳо мавзӯъ равшанӣ андохтааст, зиёда аз ҳафтод китоб навиштааст ва ҳарсола қариб бист конфаронс мегузаронад. Дар соли 2004-ум зиёда аз 2,5 миллион китобҳои вай ба фурӯш рафтанд ва зиёда аз як миллион китоб ройгон тақсим карда шуд. Барномаҳои телевизионии ӯро дар бисёр кишварҳои дунё тамошо кардан мумкин аст, барномаҳои радиоии вайро бошад сесад радиостансияҳо пахш мекунанд.

Худо Ҷойсро даъват кардааст, ки имондоронро дар Каломи Худо устувор гардонад. Як вақтҳо вай яке аз онҳое буд, ки тамоман аз ҳаёт дилхунук шуда буд. Имрӯз вай бо ҳаёт ҳаловат мебарад, чунки истифода бурдани ҳақиқати Каломи Худо ва аз болои мушкилиҳо ғалаба ба даст

оварданро ёд гирифт. Ҷойс боварӣ дорад, ки ғолиб метавонад ба дигарон низ ғалаба карданро ёд диҳад.

Ҷойс дар бораи он таҷовузе, ки дар айёми бачагиаш аз сар гузаронида буд, дар бораи никоҳи аввалаш, ки ноком монд ва дар бораи ҳамаи мушкилиҳое, ки аз сар гузаронидааст, ошкоро мегӯяд. Вай гузаштаи худро пинҳон намекунад ва ба шахсоне, ки ба чунин мушкилиҳо дучор шудаанд, маслиҳатҳои амалӣ медиҳад.

Ҷойс Майер мақомии олии доктори илми илоҳияи донишгоҳи иёолоти Оклахомаи Орал Робертс ва мақоми доктори фалсафа ва илми илоҳияи донишгоҳи иёолоти Флорида ба номи “Лайф Кристиан”- ро дорад. Дар моҳи феврали соли 2005 маҷаллаи “Тайм” Ҷойс Майерро ба ҷумлаи бисту панҷ воизони аз ҳама машҳури Амрико дохил кард.

Тамоми ҳаёти Ҷойс Майер дар бораи марҳамат ва вафодории Худо шаҳодат медиҳад. Вай

дар бораи он таълим медиҳад, ки чи гунае ки гузаштаи инсон набошад ҳам, Худо барои вай ҳамеша ҷой дорад, ва Ӯ ба вай кӯмак мекунад то дар роҳе истад, ки сӯи ҳаёти пур аз хурсандӣ ва хушбахтӣ мебарад.

Ин сайтро ташриф оваред “Хизматгузории Ҷойс Майер”
www.joycemeyer.ru

Барномаҳои Ҷойс Майерро шумо ба даҳҳо забони
дунё дар сайти зерин тамошо карда метавонед
tv.joycemeyer.org

# *Дуои тавба*

Худо шуморо дӯст медорад ва мехоҳад, ки шумо бо Вай муносибати наздик ва мустаҳкам дошта бошед. Агар шумо ҳоло Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ қабул накарда бошед, шумо метавонед инро худи ҳозир кунед. Барои Ӯ дили худро воз кунед ва ин дуоро хонед:

"Падар, ман медонам, ки назди Ту гуноҳ кардаам. Илтимос, маро бубахш. Маро пок кун. Ман ваъда медиҳам, ки ба Исо, Писари Ту, бовар кунам. Ман бовар мекунам, ки Вай барои ман ҷон дод; Вай дар салиб ҷон дода истода, гуноҳҳои маро ба дӯши Худ гирифт. Ман бовар мекунам, ки Вай аз мурдагон эҳё шуд. Ва худи ҳозир ман ҳаёти худро ба Ӯ месупорам. Раҳмат, Падар, барои бахшоиш ва ҳаёти абадӣ. Илтимос, ба ман ёрдам кун, ки барои Ту зиндагӣ карда тавонам. Ба номи Исо. Омин".

Агар шумо аз таҳти дил дуо карда бошед, Худо шуморо қабул кард, пок кард ва аз занҷирҳои марги рӯҳонӣ озод кард. Ҷойҳои навиштаҷоти дар зеромадаро бихонед ва аз Худо талаб кунед, ки овози Вайро шумо шунида тавонед, чунки акнун ҳаёти нави шумо бо Ӯ сар мешавад.

Юҳанно 3:16
Эфсӯсиён 1:4
1 Қӯринтиён 15:3-4
1 Юҳанно 4:14-15
1 Юҳанно 1:9
1 Юҳанно 5:1
Эфсӯсиён 2:8-9
1 Юҳанно 5:12-13

Аз Худо хоҳиш кунед, ки шуморо ба калисои хуб раҳнамоӣ кунад, ки дар он ҷо каломи холиси Худо мутобиқи Китоби Муқаддас маъвиза карда мешавад, ки он ҷо шумо метавонистед бештар бо Масеҳ ошноӣ пайдо кунед ва дар рӯҳ ба воя расед. Худо ҳамеша бо шумост. Ӯ шуморо ҳар рӯз роҳнамоӣ мекунад ва ба шумо нишон медиҳад, ки чӣ тавр ҳаёти бофаровонеро, ки Ӯ барои шумо пешакӣ таъин кардааст, дошта бошед.

## Шумо бо тарс баста шудаед?

Ҳар як шахс аз чизе тарс дошта метавонад. Вақте шумо ягон қадами калонро гузоштан мехоҳед, он гоҳ тарс ва шубҳа шуморо боздоштанӣ мешаванд. Лекин шумо метавонед аз ин "таъқибкунандагон" озод шавед! Шумо тарсро мағлуб карда метавонед!

Дар китоби "Тарсро мағлуб кун" Ҷойс Майер дар бораи он мегӯяд, ки мо метавонем далер буда ва ба худ боварӣ дошта бошем, бигзор ҳатто агар мо аз чизе тарсем ё агар моро инкор кунанд. Бифаҳмед, ки чӣ тавр шумо душмани худро бо номи "тарс" мағлуб карда метавонед! Имрӯз- рӯзи шумо, ки тарсро мағлуб карда, ғалаба ба даст оред!

